# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ).

Парвандаи аттестатсионии №_____________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 5 майи соли 2023, №10.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Назаров Тоҳирҷон Холмуминович”

Диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 7 январи соли 2023, №10.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Назаров Тоҳирҷон Холмуминович 12-уми ноябри соли 1980 дар ноҳияи Бохтар (ҳоло Кушониён)-и вилояти Хатлон дар оилаи зиёи ба дунё омадааст.

Ӯ аз соли 1987 то соли 1997 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Бохтар (ҳоло Кушониён)-и вилояти Хатлон таҳсил намудааст. Номбурда соли 1997 ба таълими рӯзонаи факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Курғонтеппа (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) аз рӯи ихтисоси биология дохил гардида, онро соли 2002 хатм кардааст.

Назаров Тоҳирҷон Холмуминович бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 10.01.2011, №01-ФА ба таълими рӯзонаи зинаи аспирантураи ин муассисаи таълимӣ дохил гардида, онро бо фармоиши №01г-ст аз 03.01.2014 аз рӯи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот хатм кардааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 2002 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон ба ҳайси омӯзгори фанни биология оғоз намуда, солҳои 2008-2012 ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи биологияи умумӣ фаъолият намудааст. Соли 2009 дар вазифаи чонишини декан оид ба тарбия дар факултети химия ва биология фаъолият кардааст. Солҳои 2013-2021 дар вазифаи мушовир-

оператори маркази таҳсилоти ғоибонаи факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор кардааст. Аз соли 2021 то ҳол ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи биологияи умумӣ кор карда истодааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24.12.2012, №5 тасдиқ намуда, зери роҳбарии профессор Холназаров Санг ба таҳқиқ машғул гардидааст. Дар давоми ба таҳқиқот машғул гардидан ба мавзуи рисолаи илмии худро бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 20.11.2021, №4 тағйирот ворид намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 7-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

Назаров Тоҳирҷон Холмуминович муҳокимаи даври аввалро санаи 15.10.2022, №3 дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузаронида, муҳокимаи даври дуюми диссертатсияро дар ҷаласаи Шурои олимони факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 23.11.2022, №4 гузаштааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Назаров Тоҳирҷон Холмуминович имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз забони хориҷӣ (англисӣ) дар санаи 07.02.2015 бо баҳои хуб, таърих ва фалсафаи илмро санаи 10.03.2018 бо баҳои хуб ва имтиҳони ихтисосро санаи 23.12.2022 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз санаи 05.01.2023, №14 додааст.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 26 январи соли 2023, суратҷаласаи №10.2 қабул карда, диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 2-юми феврали соли 2023 ва дар сомонаи КОА назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон аз 5-уми феврали соли 2023 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи муқararrот санаи 29.03.2023 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матни он 93,99%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба расмият даровarда шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

Роҳбари илмӣ: **Холназаров Санг** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муқарризони расмӣ: **Мирзоев Салим Сайдалиевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва **Мансурова Ҷамила Сулаймоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баҳои мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович бо Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ аз 17.03.2023, №7. бо имзоҳои раиси семинар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ҳошимова Г.Г., мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, номзади илмҳои педагогӣ Вализода Ш., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Шаропов Ш.А. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ Ғафорова С.П тасдиқ гардида бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А.И. аз 17-уми марти соли 2023, ба расмият даровarда шудааст.

Дар тақризи муассисаи пешбар ягонагии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия дарҷ гардидаанд.

Дар тақриз қайд гардидааст, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиву норасоиҳои ҷузъӣ дида мешавад, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар рисола масъалаи омодасозии омӯзгорони ояндаи биология доир ба таълиму тарбияи экологии хонандагон вобаста ба зинаҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дида баромада мешуд ба мақсад мувофиқ мебуд.

2. Дар диссертатсия хуб мешуд фарқияти кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот ва шаҳр оид ба таълиму тарбияи экологии хонандагон кушода мешуд, ба фикри мо барои боз ҳам баландтар шудани қимати кор мусоидат менамуд.

3. Хуб мешуд, ки дар рисола 1-2 таҷрибаи пешқадами омӯзгорони биологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оиди тарбияи экологии хонандагон ҳамчун намунаи беҳтарин оварда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки эродҳои зикргардида, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии Назаров Т.Х.-ро коста намекунад.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад, зикр гардидааст дар тақризи муассисаи пешбар.

Муассисаи пешбар дар хулосаи худ қайд менамояд, ки диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02.- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назаров Тоҳирҷон Холмуминович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02.- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ мебошад.

Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия мақолаҳои зерини тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия пешниҳод намудааст.

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Асосҳои назариявию консептуалии методҳои таълими биология [Матн] / Т.Х. Назаров, С. Холназаров, М.А. Болтаев // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2017. – №1/3 (47). – С. 142-147. – ISSN 2663-5534.

[2-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Методы и принципы формирования экологической компетентности будущих учителей биологии [Текст] / Т.Х. Назаров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2018. – №1/3 (55). – С. 139-142. – ISSN 2663-5534.

[3-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Ҷанбаҳои асосии тайёрии экологии омӯзгорониояндаи биология [Матн] / Т.Х. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2018. – №1/1 (59). – С.97-100). – ISSN 2663-5534.

[4-М]. *Холназаров, С.* Тарбияи экологии донишчӯён-муаллимони оянда [Матн] / С. Холназаров, **Т.Х. Назаров** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №3/4 (205). – С. 259-261. – ISSN 2074-1847.

[5-М]. *Холназаров, С.* Ҳалли вазифаҳои маърифати экологӣ дар раванди таълим [Матн] / С. Холназаров, **Т.Х. Назаров** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2016. – №3/5 (208). – С. 216-219. – ISSN 2074-1847.

[6-М]. *Холназаров, С.* Экологикунонии дарсҳои биология [Текст] / С. Холназаров, **Т.Х. Назаров** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №3/6 (211). – С. 225-227. – ISSN 2074-1847.

[7-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Ташакули маҳорати максадноки идоракунии фаъоли таълим ва ташаккули маърифати экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология [Матн] / Т.Х. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022. – №4 (29). – С. 202-211. – ISSN 2616-5260.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[8-М]. *Қувватов, Ф.М.* Захираҳои обу пиряхҳо ва истифодаи оқилонаи онҳо [Матн] / Қувватов Ф.М., Ёров М.Ҷ., **Т.Х. Назаров** // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба эълон гардидани даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028. – Кӯлоб, 2022. – С.148-151.

[9-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Тарбияи экологӣ-омили муҳимми амалияи педагогӣ [Матн] / Т.Х. Назаров, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2016. – №1/1 (35). – С.78-81. – ISSN 2074-1847.

[10-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Самаранокии ташаккули омӯзгорони ояндаи биология [Матн] / Т.Х. Назаров, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2016. – №1/3 (39). С.49-52. – ISSN 2074-1847.

[11-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Рушди тарбияи экологи дар дарсҳои биология [Матн] / Т.Х. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2016. – №1/1 (35). – С.100-102. – ISSN 2074-1847.

[12-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Роҳнамои касбии мактаббачагон дар дарсҳои биология [Матн] / Т.Х. Назаров, И. Султонов, С.П. Расулов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ назариявӣ бахшида ба 25-солагии Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Захираҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Кӯлоб, 2016. - С.304-307.

[13-М]. ***Назаров, Т.Х.*** Хусусиятҳои оламИ ҳайвоноти муҳрадорони заминӣ дар минтақаҳои шаҳрнишин [Матн] / Т.Х. Назаров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Проблемаи муосири рушди фанҳои табиатшиносӣ: дурнамо ва пешомадҳои он» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

«Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (бо иштироки ИДМ). – Бохтар, 2021. – С.131-133.

[14-М]. ***Н***азаров Т.Х. Шароити мураккаби физикӣ географӣ ва таъғйирёбии антропогении экосистемаҳо дар Ҷ.Т. [Матн] / Т.Х. Назаров., Т. Хайров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Муаммоҳои экологии минтақаҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ба муносибати рӯзи тарбияи экологӣ, «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028, инчунин ба муносибати 80 солагии доктори илмҳои биологӣ, профессор Эргашев Абдуллоҷон. – Душанбе, 2022. – С.148-153.

Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-002 аз номи шахсони зерин такризҳои ғайрирасмӣ ба автореферати Назаров Тоҳирҷон Холмуминович ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгохи миллии Тоҷикистон Негматов Саъдулло Эргашович.

2. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Маркази омузиши “Мактаби давлатдории Эмомалӣ Рахмон”-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдаҳмадзода Дилором.

3. Дотсенти кафедраи ботаника ва экологияи кишоварзи Донишгохи аграрии Тодикистон ба номи Шириншох Шохтемур, н.и.б. Акрамов У. Х.

4. Мудири шӯъбаи омузиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои химия Орипов Абдулло Асоевич.

5. Дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва таҳлилии Донишгоҳи давлатии Данғара Раҷабов Сайдалӣ.

Ҳамаи муқарризони озод дар тақризи худ мубрамияти мавзуи таҳқиқот, натиҷаҳои бадастоварда ва нуктаҳои муҳими автореферати Назаров Тоҳирҷон Холмуминовичро қайд намуда, танҳо дар тақризи профессор Негматов С.Э. 2 эродҳои зерин пешниҳод гардидааст:

1. Муқоисаи натиҷагирӣ аз санҷишоти озмоишӣ ва таҷрибавӣ мебоист муфассалтар ва пурра арзёбӣ мешуд, ҳарчанд, ки ақидаҳои муаллиф дар ин бобат қобили қабул ва фаҳмову дастрасанд.

2. Дар матни автореферат ҷо-ҷо хатоҳои услубӣ, имловӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешавад.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминовичро дар ҳудуду миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷуй далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти таҳқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 аз 26 январи соли 2023, №10.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст. Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

**Навгонию навовариҳои таҳқиқот чунин арзёбӣ мегарданд:**

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии омодагии экологии омӯзгорониояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил мушаххас карда шуд;

2. Низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити зист дар заминаи ташаккули салоҳиятнокии экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

3. Омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд;

4. Роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятнокии экологии омӯзгорониояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардид.

***Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Вазъи таълими экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология дар шароити муосири таълими муттасил;

2. Дар низоми омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология ба барномаи таълимии донишҷӯён ворид гардидани масъалаи таълим ва тарбияи маърифати экологӣ;

3. Ташаккули маҳорату малакаи омӯзгорониояндаи биология доир ба таълиму тарбияи экологии хонандагон ва ҳифзи муҳити атроф;

4. Асосҳои педагогии омодасозии касбӣ-экологии омӯзгорониояндаи биология, натиҷаҳои таҷрибавӣ-озмоишии амсилаи пешниҳодшуда ва роҳу равиши босамари дар раванди озмоиш собитёфта дар самти баланд бардоштани маърифати донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология дар ташаккули фаъолияти касбӣ-экологии онҳо.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:***

– ҷанбаҳои педагогии омодашавии омӯзгорониояндаи биология ва ташаккули салоҳиятмандии касбӣ-экологии онҳо дар фаъолияти педагогӣ амиқ ва равшан карда шуд;

– фаъолияти мустақили илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи фанни биология, татбиқи амалии донишҳои

ҳосилшуда дар робита ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи мақсадноки сарватҳои табиии кишвар роҳандозӣ ва арзёбӣ гардид;

– санҷиши озмоишӣ самаранокии амсилаи пешниҳодшударо бобати ташаккули маърифат ва масъулияти экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биология собит намуд;

– тавсияҳои педагогии пешниҳодшуда ҷиҳати маърифати экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология ва ҷалби онҳо ба фаъолияти самарабахш дар самти ҳифзи муҳити атроф кумак хоҳад кард ва аҳамияти комили амалӣ дорад;

– хулосаҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ дар раванди омодашавии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахассусии кадрҳои педагогӣ ёрӣ ва кумаки муассир хоҳанд расонд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** таҳқиқоти илмии философҳо, педагогҳо, биологҳо аз рӯйи проблемаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ, экология ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист, таълим ва тарбияи аҳолӣ ташкил менамоянд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** бо далелҳои зерин таъмин мегардад:

– эътимоднокии методологияи муттасили бонизом (системавӣ);

– консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таъмини шароити таълим,

– натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавию озмоишӣ ва тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳод гардида,

– ғоя ва консепсияи таҳқиқот,

– таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муҳаққиқ.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.*** Аз ҷониби муаллифи рисола дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои мубрами салоҳияти экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология, консепсияи ташаккули маърифати экологии муҳассилин коркард ва пешниҳод гардид. Инчунин, тавассути таҳияи барномаи санҷишӣ оид ба таҳқиқи сатҳи донишандӯзӣ, ташаккули маҳорат, малака ва салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи биология озмоиши муқарракунанда ва омӯзишӣ доир кард.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраи методикаи фанҳои табиии Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод ва муҳокима шуданд. Дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амалӣ, эмперикӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ ифода ёфтааст.

Дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Захираҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Кӯлоб, 2016), «Проблемаи муосири

рушди фанҳои табиатшиносӣ: дурнамо ва пешомадҳои он», (Бохтар, 2021), «Тағийрёбии иқлим ва таъсири он ба обҳои ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Кӯлоб, 2022) ба нашр расонида шуда, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфта, мусбат арзёбӣ шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 5 майи соли 2023, №10.3 қарор қабул кард, ки ба Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 3 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд: 14 нафар
- бюллетенҳои тақсимгардида: - 14 дона;
- бюллетенҳои тақсимнагардида: - 1 дона;
- тарафдори додан ба дараҷаи илмӣ: - 14 нафар;
- муқобили додани дараҷаи илмӣ: - 0;
- бюллетенҳои беэътибор - 0.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессор: Миралиизода А.М.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

05.05.2023

ҶМ